***УДК 821***
***ББК 83.3***

## *РИСОЛАИ "АДАБ ВА ИНШО"-И МУБАШШИР ТИРОЗӢ*

***Насриддинов Фахриддин Абдуманнонович,***
*д.и.филол, профессори кафедраи забон ва адабиёти тоҷики ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

## *ТРАКТАТ «АДАБ И ИНШО» МУБАШШИРА ТИРОЗИ*

***Насриддинов Фахриддин Абдуманнонович,*** *д.филол. н., профессор кафедры таджикского языка и литературы ХГУ им. акад. Б.Гафурова (Таджикистан, Худжанд)*

## *“ADAB AND INSHO” TREATISE BY MUBASHSHIR TIROZI*

***Nasriddinov Fahriddin Abdumannonovich,*** *Dr. of Philology, Professor of the department of Tajik language and literature under Khujand State University named after academician B. Gafurov (Tajikistan, Khujand)* ***E-MAIL:*** *fahr79@mail.ru*

***Калидвожаҳо:*** *рисолаи «Адаб ва иншо»-и Мубашшир Тирозӣ, мероси мактуб, фанни иншо, ҳаёт ва эҷодиёти Мубашшири Тирозӣ, сабкшиносӣ*

*Дар мақола яке аз таълифоти арзишманди улуми адабӣ - рисолаи "Адаб ва иншо"-и Абӯнаср Мубашшир Тирозӣ (1896-1977) муаррифӣ гардидааст. Таъкид шудааст, ки як қисми адабиёти асри XX, ки ба сурати хаттӣ бозмондааст ва ба қалами донишмандони Осиёи Миёнаи бо ин ё он сабаб тарки ватанкарда, ки таълифоташонро ба забони тоҷикӣ навиштаанд, мансуб аст, аз мадди назари муҳаққиқон берун мондааст. Роҷеъ ба ҳаёт ва мероси адабии Мубашшири Тирозӣ, ки чанд муддат мудирии «Маркази таълиф ва тарҷума» (Кобул, Афғонистон)-ро ба зимма доштааст ва муассиси маҷаллаҳои «Савти Туркистон» ва «Туркистон» (Миср) буда, асарҳояш дар мамлакатҳои гуногун мукарраран ба чоп расидаанд ва болои онҳо чандин рисолаи магистриву докторӣ ба қалам омадааст, маълумот дода шудааст. Таркибу мундариҷа, сабки таълиф ва шеваи баён, аҳамияти амалӣ ва назарии рисола мавриди тадқиқ қарор гирифтааст.*

***Ключевые слова:*** *Трактат «Адаб ва иншо» Мубашшира Тирози, письменное наследие, наука* ***иншо****, жизнь и творчество Мубашшира Тирози, стилистика*

*Статья посвящена анализу ценного трактата «Адаб ва иншо» Абунасра Мубашшира Тирози (1896-1977), посвященного литературной науке. Подчеркивается, что литература XX века, дошедшая до наших дней в письменном виде, и произведения, написанные на таджикском языке среднеазиатскими учеными, но той или иной причине покинувшими родину, остались вне поля зрения исследователей. Приведены краткие сведения о жизни и творчестве Мубашшира Тирози, который некоторое время был руководителем «Центра обучения и перевода» (Кабул, Афганистан), учредителем журналов «Голос Туркестана» и «Туркестан» (Египет), чьи сочинения были неоднократно изданы в разных странах и о творчестве которого защищен ряд докторских диссертаций. Проведен структурно-содержательный и стилевой анализ трактата «Адаб ва иншо» Абунасра Мубашшира Тирози.*

**Key words:** *"Adab and Insho" treatise by Mubashshir Tirozi, written heritage, insho science, life and creation of Mubashshir Tirozi, stylistics*

*The article presents an analysis of the valuable treatise "Adab and Insho" by Abunasr Mubashshir Tirozi (1896-1977) devoted to literary science. It is underscored that the literature of the XX-th century extant in written form and the works created in Tajik by Middle Asian scholars who had deserted their motherland due to some certain reasons remained out of the researches attention. The author adduces brief data concerning Mubashshir Tirozi's life and creation, we get to know that he was a leader of "The Centre of Tuition and Translation" (Kabul, Afghanistan) for a certain time, institutor of the journals "The Voice of Turkestan" and "Turkestan" (Egypt); his compositions were published multiple times in different countries, a number of doctoral dissertations dwelt on his creation. Content-structural and stylistic analysis of the treatise in question is done.*

Суханофарӣ, оини нигориш ва нигошти адабӣ, ки дар адабиётшиносии гузашта бештар бо "илми иншо" таъбир меёфт, аз фунуни меҳварии улуми адабӣ ба ҳисоб меравад. Нигоҳе ба феҳристи осори махтуту матбуъ равшан месозад, ки устодони сухан роҷеъ ба ин фан таълифоти муҳим ба қалам овардаанд. Аслу унсурҳои умдаи фанни мазкур дар "Адаб-ул-котиб"-и Ибни Қутайбаи Динаварӣ, "Адаб-ул-куттоб"-и Абӯбакри Сулӣ, "Адаб-ул-имло"-и Ибни Самъонӣ, "ал-Комил фӣ ал-луғати ва-л-адаб"-и Мубаррад, "Абкор-ул-афкор"-и Ватвот, "Маншаъ-ул-иншо"-и Низомии Бохарзӣ, "Махзан-ул-иншо"-и Кошифӣ, "Дастур-ул-котиб"-и Шамси Муншӣ, "Қаво-ид-ул-иншо"-и Сайид Маҳдӣ ва ғайра муфассал баён ёфтааст.

Дар суханшиносии имрӯзини тоҷик ҳанӯз теъдоди зиёде аз ин осор шинохта нашуда ва никоти муҳими онҳо мавриди истифода қарор нагирифтааст. Суханшинос ва нависандаи имрӯзро лозим аст, то ҷиҳати раҳёбӣ бар ҳарими суханофарии қудамо ва дастёбӣ бар матонати навиштори эшон ин гурӯҳи осорро нек бишиносад ва омӯхтаниҳои онҳоро ба муомилоти илмӣ бикашад.

Бо чунин мақсад дар ин навиштор ба муаррифӣ ва бозшиносии никоти муҳими яке аз ин навъ осор – "Адаб ва иншо"-и Мубашшири Тирозӣ мепардозем.

*Муаллифи рисола.* Абӯнаср Мубашшир Тирозии Ҳусайнӣ соли 1896 мелодӣ дар шаҳри Тироз ба дунё омадааст. Хонадони ӯ аҳли фазлу мукнат буданд. Падараш Муҳаммадхони Ғозӣ олими бузург ва пешвои маънавии Тироз буд. Ҷадди модариаш амир Сайид Бузургхон аз охирин умарои давлати мусулмонии Туркистони Шарқӣ буд, ки ҷаддаш амир Ҳидоятуллоҳхон, маъруф ба "Офоқ Хоҷам" асосгузори он маҳсуб мегардад. Мубашшири Тирозӣ бунмояҳои донишро назди падараш фаро гирифт. Сипас дар Тошканд ба такмили омӯхтаҳояш пардохт. Дар Бухоро ба камолоти илмӣ расид ва дар улуми адабӣ, тафсир, ҳадис ва мантиқ ба мартабаи устодӣ шарафёб гардид. Он гоҳ ба Тироз бозгашта, дар мадрасаи падараш ба тадрису тарбия машғул шуд. Аз ҳамин давра бо нашри мақолот дар маҷаллаҳои "Ислоҳ" (Тошканд) ва "Оина" (Самарқанд) дар ҷомеаи Осиёи Миёна ҳамчун зиёии меҳандӯст ва фарохназар шинохта шуд. Дар ҳамин барҳаи зиндагӣ ба таълифи осор оғоз кард. Нубуғи ӯ дар илму тадбир мӯҷиб гардад, то назди ҷомеаи Туркистони Ғарбӣ ҳамчун роҳбари маънавӣ эътироф гардад ва сарварии нақшбандиён ва ҳаракати озодихоҳи Туркистон ба уҳдааш гузошта шавад. Соли 1929 ба иҷбор тарки ватан гуфт ва ба Афғонистон ҳиҷрат кард. Солҳо дар Кобул зист. Он ҷо назди давлат ва ҷомеаи илмӣ

эътибори баланд касб намуд. Бо донишгоҳу анҷуманҳои илмии он кишвар ба ҳамкорӣ пардохт. Соли 1932 узви Анҷумани адибони Кобул интихоб шуд. Муддатҳо мудири "Маркази таълиф ва тарҷума" буд. Соли 1949 ба Миср кӯчид. Он ҷо маҷаллаи "Савти Туркистон" ва "Туркистон"-ро таъсис дод. Дар Қоҳира анҷуманҳои бузург барпо кард ва дар ҳалли қазияҳои марбут ба ватану миллат кӯшид. Соли 1977 дар ҳамон ҷо аз олам даргузашт.

Мубашшир Тирозӣ аз худ осори зиёд ба мерос гузошт, ки "Девон", "Арбаини тирозия", "Набза", "Кашф-ул-лисом ан рубоиёти-л-Хайём", "ал-Ахлоқ", "Иқд-ул-лаол фӣ ақди-л-амсол", "Адаб ва иншо" аз ҷумлаи онҳоянд. Осори ӯ дар гӯшаву канори олам борҳо нашр гардида ва болои онҳо чандин рисолаи магистриву докторӣ ба қалам омадааст. Фарзандони зиёди барӯманд низ тарбият намуд. Аз байни онҳо аллома Насруллоҳ Мубашшир Тирозӣ – яке аз дастхатшиносон ва феҳристнигорони маъруфи асри XX, ки дар 16 муҷаллад бештар аз 20 000 осори донишмандони Осиёи Миёнаро муаррифӣ кард ва доктор Абдуллоҳ Мубашшир Тирозӣ – устоди Донишгоҳи Малик Ол Сууд дар Ҷидда, ки солҳо дар рӯзномаи "Мадинаи мунаввара" ва воситаҳои ахбори омма бо силсилаи мақолоту суҳбатҳои худ дар ҷаҳони илм маъруфият дошт, эътибори ҷаҳонӣ касб кардаанд (2, 119).

*Таърихчаи таълифи рисола.* Муаллифи рисола соли 1933 таҳқиқе дар мавзӯи адаб ва иншо анҷом дода, онро ба Анҷумани адабии Кобул тақдим менамояд. Ин таҳқиқ ба таври силсила дар ҳафт шумораи маҷаллаи "Кобул" мунташир мегардад. Гурӯҳе аз ҷавонони суханшинос хоҳиш менамоянд, то мавзӯи мавриди назар бо тавсиаи бештар дар қолаби китоби алоҳида андохта шавад. Муаллиф бо иҷобати ин хоҳиш мавзӯъро аз нав зери назар мегирад ва бо басти фаслу бобҳо зери унвони "Адаб ва иншо" дар шакли китоби алоҳида омода менамояд (1, 2). Рисола соли 1940 дар Кобул бо ҳуруфи ниёгон, бо қалами худи муаллиф пурра китобат мегардад. Ҳамин нусха ба таври офсет бо эҳтимоми писари муаллиф аллома Насруллоҳ Мубашшир Тирозӣ зимни силсилаи "Осори форсии аллома Тирозӣ" (шумораи 6, Қоҳира, соли 1411/1991, 102 саҳифа) интишор меёбад.

*Таркиб ва мундариҷа.* Рисола бо муқаддима, ки дар он пас аз қисмати таҳмидия аз аҳамияти адабу иншо ва ангезаву сабки таълиф сухан рафтааст, оғоз мегардад. Сипас фасле ҳамчун муқаддимаи вуруд бар асли мавзӯъ тахти унвони "Адаб" оварда шудааст. Таъриф, мавзӯъ, фавоид ва аркони илми адаб аз мабоҳиси меҳварии фасли мазкур мебошад. Ҳамчун пайвандгари мабҳас бо асли рисола поёни фасл бо рукни чаҳоруми илми адаб – "вуҷуҳи мутафаннинаи муншаоти назму наср" ҷамъбаст гардидааст. Сипас тахти унвони "Иншо" қисмати асосии рисола оғоз меёбад. Дар ин қисмат зимни усули чаҳоргона ва ақсоми ҳафтгонаи илми иншо бо замимаҳои муҳим мабоҳиси меҳварӣ баён ёфтаанд. Пас аз ин қисмат бо унвони "Фасоҳат ва балоғат" фасле оварда шудааст. Сабаби оварда шудани ин фасл дар он аст, ки муаллиф зимни баррасӣ борҳо аз аҳамияти огоҳии суханофар ва нигоранда аз муҳиммоти фунуни балоғат сухан намуда, бар тавзеҳи он дар мавриди мувофиқ ваъда фармуда буд (1, 72).

Рисола бо қисмати "Хотима" поён мепазирад. Дар ин қисмат роҷеъ ба аҳамият, масъулият ва мақоми аҳли қалам матолиби муҳим зикр ёфтаанд.

*Сабки таълиф ва шеваи баён.* Муаллиф дар ифодаи андеша ва баёни матлабҳо шеваи мӯҷазбаёниро ихтиёр намудааст. Эҷоз ҳаргиз мухил(л) воқеъ нагардидааст. Аз манобеи муҳиме, чун "Хизонат-ул-адаб"-и Ибни Ҳиҷҷа, "Ҳаёт-ул-ҳаявон"-и Дамирӣ,

"Амсол-ус-соир"-и Ибни Асир, "Мақомот"-ҳои Бадеуззамони Ҳамадонӣ, Ҳамидӣ, Ҳарирӣ, "Вафийёт-ул-аъён"-и Ибни Халликон, "Чаҳор мақола"-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ, "Синоатайн", "Мухтасар-ул-маонӣ"-и Тафтозонӣ ва ғ. баҳра бурдааст. Дар мустанад сохтани назар аз оёту аҳодис ва ақволу ашъори ҳакимону суханварон, ба мисли Ибни Ҳиллиза, Замахшарӣ, Лабид, Абулфатҳи Бустӣ, Ахтал, Саъдӣ, Буҳтурӣ, Мутанаббӣ ва дигарон суд ҷустааст. Тамассул бар ашъори арабию форсӣ ва амсолу ҳикам назаррас аст. Барои таъйиди назар ҷой-ҷой аз рӯзгори соҳибқаламони номӣ  нақлҳо меоварад (1, 41; 43-44; 79). Ба иқтибос аз ашъору ақволи худ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст (1, 46; 48; 51; 65; 66; 98; 99). Дар мавридҳои муҳим иқтибосоти арабиро (бахусус ашъору амсол) тарҷума менамояд. Мавридҳое пас аз мабоҳиси асосӣ таҳти унвонҳои " Ифода", "Иқтироҳ", "Эзоҳ" ва "Замима"  нукоти ҷолиб ва тавзеҳоти бештари матолибро арза медорад. Дар ҳошия нуктаҳои тавзеҳталаб ва мубҳами мутунро эзоҳ медиҳад.

Забон ва шеваи баёни муаллиф аз таъқиду печидагӣ дур буда, матолиб бо қалами равону суфта нигориш ёфтаанд. Нерӯи забондонии муаллиф мӯҷиб гардида, то дар мавридҳои зиёд каломаш оҳангин ба қалам ояд. Ин навъ ҷумлаҳои мусаҷҷаъ табии берун омада, забони баёнро ҷаззобияти хоса бахшидаанд.

*Аҳамияти амалӣ.* Ба он мӯҷиб, ки муаллиф дар баёни мавзӯъ бештар табақаи навқадам ва миёнаро мавриди назар қарор додааст, рисола аҳамияти хуби амалӣ дорад. Дар мавридҳое, ки баёни амалии мавзӯъ матраҳ мегардад, муаллиф ба муршиде мемонад, ки дасти солики тозақадамро гирифта, ӯро пила-пила боло мебарад ва ҳамзамон бо нақли матолиб дақоиқу зарофатҳои ин маслакро барояш баён менамояд. Ҷанбаи амалии китоб дар мабҳасҳои  "Кайфияти шурӯъ дар амали иншо" (1, 25-27), "Тариқи тааллуми китобат" (1, 37-39), "Авқоти таълиф ва таҳзиб" (1, 40-41), "Таҳзиби мавзӯъ" (1, 42-44), "Авқоти таҳзиб ва танқеҳ" (1, 44) бо вузуҳи бештар ба назар мерасад.

*Намуна:* "Авқоти таълиф ва таҳзиби он: Шакке нест, ки муносибати авқот бо таълифу нигориш ва татбиқи байн-байни ҳар ду яке аз лавозими санъати иншо аст. Ва нависанда ба сабаби ихтилофи шууни димоғ ва тағйири ҳолоти ҳавоси ботина наметавонад, ки (дар таҳрири аввалии мавзӯъ) аз истеъмоли алфози ғариба ва идхоли ибороти ракика ва аз вукуи хатову нуқсони адабӣ холӣ шавад ва ҳатман дар таҳрироти мутанаввеа ва тарзи таркибу услуби таълифи худ нишебу фарозеро тай хоҳад намуд. Биноан алайҳ, риояти авқоти таълиф аввалан ва таҳзиби он сониян аз лавозими шуруъ ба таълифи мавзӯъ ва мақбулияти он дида мешавад. Бале, лозим аст, ки нависанда ва муаллиф аввалан авқоти худро бисанҷад ва босафотарин сооти явмияи худро, (ки аз кудурат ва ғаму ихтилоли димоғ ва таколифи қалбиву мавонеи зоҳирӣ мусаффо буда бошад,) интихоб намояд.

Нависандагони қадиму ҷадид ҳангоми субҳро, (ки дар он вақт меъдаи инсон аз ғубори ғизо сабукдӯш мебошад, дар ҳоле ки ҳаззи худро чунончи лозим аст аз хобу истироҳат қаблан истейфо менамояд,) беҳтарин авқоти таълиф қарор додаанд. Ҳақиқатан, табиати инсон дар ҳини имтилои меъда сақил ва моил ба тарафи истироҳат ва ҳазми туъмаи худ буда, аз масруфият ва иштиғоли маънавӣ ва таълифи мазомин барканор ва илова бар ӯ аз идрокоти муфодоти дақиқа табъан маҳҷуб мебошад. Чунончи шоире мегӯяд:

*Надоранд танпарварон огаҳӣ,*

*Ки пурмеъда бошад зи ҳикмат тиҳӣ.*

Дар "Хизонат-ул-адаб" менигорад: "Шоири шаҳири исломӣ Абӯубода ал-Бухтурӣ гуфта, ки чун дар унфувони шабоб ва ҳадосати синни худ ба ривояти шеър иштиғол ва шағафе дар фанни адаб доштам, лизо ба табъе салим ва қареҳаи мустақиме, ки табъи ҷавони маро ба дақоиқи шеър ҳидоят ва ба ғавомизи адаб ошно менамуд, мурочиат мекардам. Ба ин силсила ахиран хидмати Абӯтаммоми Тоиро қасд ва пайравии афкори адабии вайро ихтиёр намудам. Ва дар боби таърифи шеъру адаб ба ӯ мунқатеъ ва мустанид гаштам ва ӯст аввалин шахсе, ки ҳидояти зайлро бароям намуд:

"Эй Абӯубода, авқотеро ихтиёр бинамой, ки дар он аз ҳумуму ғумум барканор бошӣ. Ва бояд бидонӣ, ки одати шуаро дар хусуси интихоби авқот ин аст, ки бояд вақти саҳарро ихтиёр бикунад. Зеро дар он вақт нафси инсонӣ ҳаззи худро аз роҳат ва қисти худро аз хоб гирифта, аз гаронии ғизо ва бори туъма хиффате ҳосил карда мебошад.

Иловатан:

1) Аз маонии маҷҳула ва аз ин ки шеъри худро ба алфози ваҳшия маъюб ва ба иборати ғариба маълул бисозӣ, ҳазар кун.

2) Дар таълифи мазмуну таркиби он муносиботи байн-байни алфоз ва маониро риоят бидор.

3) Худро ҳамчун хайёте пиндор, ки ҷомаҳои мухталифаро бар вифқи мақодири гуногуни аҷсом баробар мекунад.

4) Чун дар вақти таҳрири мавзӯъ бетоқатӣ ориз гашт, бояд ба нафси худ роҳат ва танаффус бидеҳ ва икроҳаш макун.

5) Кор макун магар дар ҳине, ки фориғулқалб буда бошӣ.

6) Назм масоз магар дар ҳангоми таворуди майлу рағбат, чӣ майлу рағбат беҳтарин муини ҳусни назм аст.

7) Бояд шеъри худро ба ашъори мавсуқаи салаф қиёс бинамоӣ. Ва пас чизеро, ки масдари ихтиёри салаф воқеъ гардидааст, ихтиёр (бинамоӣ) ва аз он ки мавриди истиқбоҳашон шудааст, иҷтиноб варзӣ" (1, 40-42).

*Аҳамияти назарӣ.* Рисола оганда аз матолиби назарист ва ба дастурномаи назарии матине мемонад. Муаллиф кӯшида, то ба таври эҷоз бештар ба масоили назарии мавзӯъ пардозад ва матолибро ҳарчи гузидаву тамом иброз намояд. Умдатарин масоили назарииро метавон дар мабоҳиси "Хавоси иншо – вузуҳ, сароҳат, забт, табиат, суҳулат, иттисоқ, ҷазолат" (1, 13-18), "Уюби иншо – хуҷнат, ваҳшат, ракокат, саҳв, исҳоб, ҷифоф, ваҳдати сиёқ" (1, 19-21), "Тақсими иншо" (1, 49-51), "Фунуни иншо – мукотибот, мунозирот, амсол, авсоф, мақомот, ривоёт, таърих" (1, 55-72), "Хавоси мукотибот – сазоҷат, ҷало, эйҷоз, мулойимат, таловат" (1, 56-58), "Фасоҳат ва балоғат" (1, 72-100) мутолиа намуд.

*Мисол:* "Тахаллус: "Тахаллус" – дар асли луғати арабийя ба маънии рамидан аст. Ва дар истилоҳи уламои адаб иборат аз ин ки нависанда (чи шоир, чи носир) дар маъние аз маонии мақсуда (масалан таъзият) шурӯъ карда, дар ҳине ки дар навоҳии муфод ва мафҳуми он қаламфарсоӣ дорад, ба маънии дигаре (масалан таҳният) интиқол мекунад, вале ҷузъи охирини сухани моқабл бо ҷузъи аввали сухани мобаъд (ва ба иборати дигар иҷмоли мазомини моқабл ба иҷмоли мазомини мобаъд) рабт ва муносибате дошта бошад. Яъне, қатъи каломи машруъ ва истинофи каломи дигар ба

амал намеояд, балки моқабл ва мобаъд (бо ин ки ҳар калом муфоди дигаре дорад,) тавре меояд, ки як дафъа ва ба як қолаб андохта шуда бошад.

Санъати "тахаллус" дар шеър яке аз далоили ҳазоқати шоир ва қувваи тасарруфи он ба шумор меравад, ба иллати ин ки нитоқ ва ҳитаи шеър (аз он рӯ, ки пайрави вазну қофияи худ мебошад,) танг омада алфози мақсуда бар ваҷҳе, ки шоир мехоҳад, даст намедиҳад. Мисоли тахаллуси қасидаи арабийяи худи нигоранда аст, ки дар хусуси таъзият ба муносибати шаҳодати аълоҳазрат, шаҳид ал-Ғозӣ Муҳаммад Нодиршоҳ ва таҳнияти ҷулусу сариророии аълоҳазрат, ал-Мутаваккил алаллоҳ Муҳаммад Зоҳиршоҳ, адома зиллаҳу ва бақоаҳу, суруда шуда...

Мустағнӣ марҳум дар авосити қасидае (дар) ҳамин мавзӯъ ба мазмуни латифи

*Хотирам афсурд чархи сардмеҳри кинаҷӯй,*
*Мекунам ҳолаш ба хоқони адабгустар сафед.*
*Шоҳи некахтар Муҳаммад Зоҳир он к-аз мақдамаш,*
*Роҳати мулку ватан гардид сар то сар сафед.*

аз маънии таъзият ба сӯи таҳният интиқол ва тахаллус менамояд.

Дар фавқ ишорате ба усрати тахаллус дар шеър рафт, аммо носир (аз ин рӯ, ки пайрави вазн ва ағлабан муттабеи қофия ҳам намебошад,) мутлақулинон буда, қалами озоди худро ба ҳар сӯ, ки мехоҳад, мутаваҷҷеҳ месозад. Биноан алайҳ, дучори машаққат ва мусодифи суубат (ҳамчун шоир) намегардад ва санъати тахаллусро ба сурати хубтаре анҷом медиҳад. Бо ин ҳам метавон гуфт, ки санъати тахаллус (чи дар шеър, чи дар наср) яке аз мустасъаботи илми баёну адаб ба шумор меравад. Лизо, барои нависанда лозим аст, ки дар роҳи тахаллус такаллуф наварзад. Яъне, агар сурати зебо ва мутаносиб ба ҳусул анҷомид, фабиҳо ва илло ба савби иқтизоб мунсариф гардад" (1, 97-99).

Ҳамчун натиҷа ва фарҷоми сухан бояд таъкид намуд, ки адабиёти ибтидои асри XX ҳанӯз осори омӯхтании зиёдро дар худ дорад. Бахусус он идда осор, ки ба сурати хаттӣ бозмондаанд ва аз ҷониби донишмандони Осиёи Миёна дар берун аз хоку буми хеш бо забони шевои тоҷикӣ таълиф гардидаанд. Зеро дар ин гурӯҳи осор суннатҳои мактабҳои адабии ниёгон бе инқитоъ идома ёфтааст ва асолати онҳо ҳифз шудааст. Ба ин мӯҷиб, имрӯз муаррифӣ, омӯзиш ва ба истифодаву муомилоти илмӣ ворид сохтани ин гурӯҳи осор аҳамияти ҷиддӣ дошта, моро бо мактаби олии суханофарӣ ва нигориши адабии гузаштагон мепайвандад ва рушди бештари суханшиносии тоҷикро ба бор меоварад.

***Пайнавишт:***


1. *Абӯнаср Мубашшири Тирозӣ. Адаб ва иншо.-Қоҳира, чопи офсет аз рӯи нусхаи хаттии муаллиф, 1411.*
2. *Аллома дуктур Насруллоҳ Тирозӣ (Маҷмӯаи мақолот).-Қоҳира:Маркази луғот ва тарҷумаи Донишгоҳи Қоҳира, 2016.*
3. *Аҳмад Мунзавӣ. Феҳриствораи китобҳои форсӣ.-Теҳрон: Маркази Доиратулмаорифи бузурги исломӣ, 1382, дар 9 ҷилд.*
4. *Ибни Қутайбаи Динаварӣ. Адаб-ул-котиб.-Бейрут:ар-Рисола, 1420.*
5. *Сайид Муборак Насруллоҳ Мубашшир Тирозӣ. ал-Усрат-ут-тирозия фӣ Миср.-Қоҳира:Мактабат-ул-одоб, 2016.*
6. *Ҳоҷӣ Халифа. Кашф-уз-зунун.-Бейрут:Дор-ул-кутуб ал-илмийя, 2008, дар 3 ҷилд.*

***Reference Literature:***

*1. Abunasr Mubashshir Tirozi. "Adab and Insho". – Cairo, offset edition reproducing the author's manuscript. 1411*
*2. Nasrullokh Tirozi. Collection of Articles. Cairo. Lexicographical and Translating Centre of Cairo University. 2016*
*3. Akhmad Munzavi. The Catalogue of Persian Books. Tehran Centre of the Big Islamic Encyclopedia in 9 volumes. 1382 hijra*
*4. Ibni Kytaybai Dinavari. Education through Books. – Beirut: Scientific Publication, 1420*
*5. Sayid Muborak Nasrullokh Mubashshir Tirozi. Difficulties Beset with Urbane Decoration. – Cairo: School of Ethics, 2016*
*6. Khodji Khalifa. Unriddling of Mysteries. – Beirut: Knowledge Tree, 2008. In 3 volumes.*